# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович ба диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзӯи“Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Дар шароити ҳукмронии иқтисодиёти бозорӣ истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва ҷалби онҳо ба соҳаҳои мухталиф аҳлил ҳаматарафа ва такомулро талаб менамояд. Захираҳои меҳнатӣ, ки бештар аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли мамлакатро ифода менамояд, пешниҳоди қувваи кориро ташкил менамояд, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳо зарур мебошад. Назарияи идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Дар бораи асосҳои консептуалии он то ҳанӯз ақидаҳои ягона мавҷуд нест, равишҳои назариявию методологии аз тарафи умум эътирофшудаи дарки моҳият, сохтор ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин механизмҳои арзёбии он таҳия карда нашудаанд. ҳалли масъалаҳои идоракунии иқтидори меҳнат дар таъмини рушду нумӯи иқтисодии минтақа муҳим аст. Омӯзиши идоракунии иқтидори меҳнатӣ доир ба таъмини рушди иқтисодии минтақа дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити пурзӯршавии равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунаи аҳолӣ хеле муфид аст. Гуфтаҳои дар боло зикршуда боиси интихоби мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он гардидааст.

Диссертатсияи Негматов Ш.Л. барои ҳалли масъалаҳои муайян намудани табиат ва аҳамияти иқтидори меҳнатӣ дар тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар давраи муосир, омӯзишу таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, таҳлили эмпирикии муққарар намудани

вазъи феълии иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғд дар шароити муосир ва бо назардошти таҳлили маълумоти зарурии оморӣ, баҳогузорӣ намудани иқтидори меҳнатии минтақа, таҳлил ва баҳодиҳии сатҳ ва самаранокии истифодаи онҳо дар ҷараёни тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Дар ҷараёни иҷроиши диссертатсия Негматов Ш.Л. бо миқдори зиёди адабиёти илмӣ ва маводҳои электронии зарурӣ шинос гардида, доир ба масъалаи тадқиқшаванда маълумоти кофии омориро мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор дод. Дар диссертасия назарияҳои муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар минтақа таҳқиқ ва баҳогузорӣ карда шудааст. Бодарназардошти хислатҳои ташаккулёбии иқтидори меҳнатӣ дар минтақа ба муаллиф муяссар гардид, ки ҳадафҳои афзалиятноки истифодаи он дар минтақаи вилояти Суғд муайян карда шавад.

Мазмун ва мундариҷаи тадқиқоти илмӣ ва арзиши илмии он ба Шиносномаи номгӯи тахассусҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат менамояд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзӯи “Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, муаллифи он сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Дар ҷараёни омодасозии диссертатсия Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич худро ҳамчун тадқиқотчии мустақил нишон дода, вазифаҳои муқарраргардидаи тадқиқотро сариваќт дар дар сатҳи баланд иҷро карданд, ки аз сатҳи дониши баланди назарифвӣ ва амалӣ гувоҳӣ медиҳад. Умуман диссертатсиянавис нисбати худ серталабиро нишон дода, масъулияти баланд дорад.

Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия ифода ёфта, инчунин хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ метавонанд барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар минтақаи вилояти Суғд дар ҷараёни фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, инчунин дар ҷараёни таълим барои омода намудани мутахассисони дараҷаи бакалавр ва магистр аз рӯи ихтисоси "Идоракунии иқтисодиёт", "Менеҷмент" ва "Маркетинг" васеъ истифода карда шавад.

Боиси таъкид аст, ки дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд ва докторант ба мақсади ниҳоии тадқиқоти худ расидааст.

Умуман диссертатсияи докторант, ба талаботҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳои илмӣ гузошта шудааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Исмоилов М.М.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Исмоилов М.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 775 67 55
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: mamarahim@mail.ru